# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар **зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.**

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия***

Унвонҷӯй Гулмаҳмадов Салоҳиддин мавзӯеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам буда, дар замони рушди босуръати илму технология зарурати аз худ намудани донишҳои иқтисодиро, ки айни замон салоҳиятҳои асосии ҳаётиро ба миён гузоштааст тасдиқ менамояд.

Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки насли наврас дорои маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта бошанд ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиро озодона ҳаллу фасл ва фикру андешаашонро дуруст баён карда тавонанд.

Мавқеъ ва зарурияти масъалаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф дарҷ гардида, ба таври лозимӣ ба роҳ мондани онро зарур шуморидаанд. Дар ин самт ташкили таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот, лоақал литсей-донишгоҳро тадбири самаранок

мешуморанд. Махсусан ҳамкории байни муттахассисони ин зинаҳо барои омода намудани хатмкунандагон-мутахассисони оянддаи соҳаи иқтисод нақши муҳим мебозад.

·Бояд қайд намуд, ки новобаста аз он, ки то ба имрӯз дар ҷумҳурӣ дар таҷриба ва амалия ба асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ бо тариқи назариявӣ маълумотҳо дода шаванд ҳам, лекин ба татбиқи он дар амалия ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи махсус дода нашудааст. Аз ин рӯ омӯзиши мазмун ва мундариҷаи таълими иқтисодӣ дар муттасилии фаъолияти литсей ва донишгоҳ як силсила масъалаҳои норавшан мавҷуданд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро талаб менамояд.

Барои муаррифии мавзуъ ва моҳияту мундариҷаи он таҳқиқотчӣ далелҳои зиёди истифодаи масъалаҳои иқтисодиро, ки ҳалли онҳо донишҳои васеъро талаб мекунанд, баён намудааст. Аз ҷумла: таҳқиқотчӣ қайд намудааст, ки аксарияти наврасону ҷавонони ҳозира новобаста аз чигунагии вазъи иҷтимоии оилаашон ба сарфу хароҷотҳои волидони худ эътибор надода, барои соҳиб шудани касбҳое, ки ба оилаи худи онҳо манфиатбахш хоҳад буд, кушиш намекунанд.

Таълими муттасил маҳз ба ҳамин самт равона шуда, мақсади ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот, лоақал литсей-донишгоҳро дорад. Бинобар ин, иқдому ибтикори таҳқиқотчӣ дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи ташаккули малакаҳои кор бо хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ бошуурона басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:***

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Гулмаҳмадов Салоҳиддин арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба муттасилии таълим дар зинаҳои литсей-донишгоҳро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода амалӣ додани онро зарур меҳисобанд.

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии

натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Гулмаҳмадов С., ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- бо амалӣ гардидани муқарроти рисола ҳамкориҳои ду муассисаи таълимӣ дар омода намудани мутахассисони ботаҷрибаи донишу маҳорати баланди касбидошта ба роҳ монда мешавад;

- меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи дониши хонандагону донишҷӯён дар раванди таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот муқаррар гардидаанд, ки аз рӯйи онҳо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, фаъолнокӣ, суръати донишазхудкунӣ, дурустии амалҳои иҷрошуда, маҳорати иҷрои кор ба инобат гирифта мешаванд.

- асосҳои методологии омӯзиши проблемаи ташаккули сатҳи донишҳои иқтисодии хатмкунандагони литсей ва касбазхудкунии онҳо бошуурона омӯхта шуда, мафҳуми онҳо аз ҷиҳати назариявӣ то андозае аниқ карда шудааст;

- муайян карда шудааст, ки салоҳияти кор бо ташкили дарс бо роҳу усулҳои ҷалби хонандагон дар тамоми зинаҳои таҳсилот барои тамоми фанҳои дигар зарурӣ мебошад;

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Гулмаҳмадовро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллиф рисолаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, дар он аз осори илмии олимону мутафаккирони маъруфи асримиёнагии форсу тоҷик андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ, назарияҳо, пешниҳодҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои амалкунандаи омӯзгорони ноҳияи Фирдавсӣ, Шурои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, конференсияи илмӣ–амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ироа, ҷаласаи Шурои методии Литсейи № 4, барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ ва таҳлил гардидаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули асосҳои педагогии ташкили таълим дар ҳамкории кормандони зинаҳои таҳсилот ва таъсири он ба донишазхудкунӣ ва таҷрибаомӯзии хонандагону донишҷӯён ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;
- самаранокии дастурҳои пешниҳодшуда оид ба баланд бардоштани сифати таълим ва иҷрои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар дарсҳои фанни иқтисодиёт собит шудаанд;

- вазъи коркарди методии ҳамкории байни кормандони зинаҳои литсей ва донишгоҳи олии касбӣ вобаста ба ташаккули малакаҳои заминаҳои психологии раванди мазкур муайян карда шудаанд;

- аҳамияти фароҳам овардани шароиди мусоид ҷиҳати гузаронидани дарсҳои кушод, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва технологияи муосир , ташкили корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ баррасӣ карда шудаанд;

- натиҷаҳои амалии таҳқиқот ва истифодаи тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барномаи таълим ва мазмуни китобҳои дарсии фанни иқтисодиёт нисбати мавзуъ, мисолҳои амалӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ бошуурона таҷдиди назар шаванд;

- роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими фанни иқтисодиёт ва омода намудани мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисод дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олии касбӣ мавриди истифода қарор гиранд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд, амалан дар раванди омодасозии мутахассисони оянда, баланд бардоштани донишҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи иқтисодидошта, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони зинаҳои таҳсилот ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 13 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ, аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 4 номгӯй дар нашрияҳои дигар

ба табъ расидаанд, ки мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Муаллиф дар диссертатсия масъалаҳои муҳими заруририро доир ба омӯзиши фанни иқтисодиёт иброз намуда, тавсияҳои хуберо низ ҷиҳати ба омӯзиши фанни мазкур ҷалб намудани наврасону ҷавонон баён намудааст. Агар дар пешниҳодҳо доир ба содаю фаҳмо ва мисолҳои дар ҳаёт татбиқшаванда мукаммал намудани мавзуъҳои китоби дарсии хонандагон банди дигар илова мешуд, мухтавои диссертатсия боз ғанитару мукаммалтар мешуд.

2. Дар як қисмати боби якуми диссертатсия масъалаҳои дар ҳақиқат аз назарҳо дур мондаи дастовардҳои мутафаккирони форсу тоҷик дар самти иқтисодро таҳқиқотчӣ бисёр хуб таҳлилу баррасӣ намудааст. Ба ақидаи ман ҳамин таҷрибаи бои ниёгонро ба воситаи ташкилу баргузории озмунҳо ва дигар мусобиқаҳои байни синфҳою байни муассисаҳо дар пешниҳодҳои муаллиф ҷой дода мешуд аз ин арзиши илмиву амалии таҳқиқот бештар мегашт.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

*ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ*

Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

1. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

2. Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, дотсенти
кафедраи забони русии Донишгоҳи
байналмиллалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Қодирова Б.А.

**Маълумот барои тамос:**
Адрес: Борбад, 48\5, 734055,ш.Душанбе
Тел.(+992 37)2 34-88-00, Почтаи электронӣ: E-mail: dsx_ips @ mail.ru

*Имзои Қодирова Б.А.-ро тасдиқ мекунам*
13.03.2025
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.